# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Саидзода Хайридини Хол дар мавзуи «Омӯзиши каротиноидҳои таркиби сабзӣ дар муқоиса ба каротиноидҳои таркиби ангат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Саидзода Хайридини Хол.

Саидзода Хайридини Хол 9-уми июни 1990 дар деҳаи Элок, Ҷамоати деҳоти Қалъаи дашти ноҳияи Файзобод таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ӯ таҳсилотро дар мактаби миёнаи №11 деҳаи Элок анҷом додааст. Соли 2009 ба факултети кори умумитиббӣ Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ дохил шуда, онро соли 2013 аз рӯйи ихтисоси бародари тибб, бо муваффақият хатм намудааст. Ҳамзамон барои идомаи таҳсил соли 2015 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба факултети химия дохил шуда, донишгоҳи мазкурро соли 2018 бо ихтисоси химия ва биология хатм намудааст.

Аз соли 2015 инҷониб ҳамчун омӯзгор, дар Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ фаъолияти кориашро оғоз намудааст.

Аз соли 2018 то имрӯз ҳамчун декани факултет дар МДТ Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ фаъолият менамояд.

Дар даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба ангат ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Инро метавон бо он шарҳ дод, ки қариб ҳамаи қисмҳои ин растанӣ дорои чунин моддаҳои фаъоли биологӣ, аз қабили витаминҳои дар равған ва об ҳалшаванда каротиноидҳо, моддаҳои маъданӣ, флавоноидҳо, полисахаридҳо ва ғайраҳо мебошанд. Қисмҳои гуногуни ангат, бахусус буттамеваҳои он, ки бо номи ангат низ маъруфанд, бо таркиби нодири моддаҳои биоактивӣ, ба мисли пайвастагиҳои фенолӣ, витаминҳо, кислотаҳои равғании ва фитостеролҳо, аз он ҷумла бета-ситостерол хос мебошанд. Ин буттамеваҳо дар якҷоягӣ бо шарбатҳо, мураббоҳо ва равғанҳое, ки аз онҳо омода карда мешаванд, дорои як қатор хосиятҳои антиоксидантӣ, зидди илтиҳобӣ ва зидди саратониро доранд. Ҳарчанд фаъолиятҳои зиддисаратонии ангат тавассути бисёр таҳқиқотҳои in vitro ва in vivo дар ҳайвонот тасдиқ шудааст, аммо миқдори табобатӣ ва пешгирикунанда барои одамон ҳанӯз маълум нест.

Равғани ангат як қатор хосиятҳои муфид барои саломатии инсон дорад ва ҳамчун ғизои арзишманд барои инсон ва ҳайвон тавсиф мешавад. Ҳамаи қисмҳои ангат моддаҳои фаъоли биологӣ доранд, ки барои истеҳсоли маҳсулоти ғизоии солим ва иловаҳои ғизоӣ истифода мешаванд. Равған, буттамеваҳо, баргҳо ва пӯсти ангат хосиятҳои шифобахшӣ доранд ва меваҳояшон таъми беназир дорад. Қисмҳои гуногуни растанӣ метавонанд барои истеҳсоли равған, шарбат, мураббо, желе, қандҳо ва нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ коркард шаванд. Равғани ангат аз тухмҳо ё пӯсти мева истихроҷ карда мешавад.

Каротиноидҳои ғизоӣ моддаҳои фаъоли биологӣ мебошанд, ки бадани инсонро аз сироятҳо ва радикалҳои озод муҳофизат мекунанд ва афзоиши ҳуҷайраҳои саратониро назорат мекунанд. Баъзе каротиноидҳо, масалан, β-каротин, фаъолиятҳои провитаминӣ доранд ва барои танзими ҳассосияти нури чашм кӯмак мерасонанд.

Сабзӣ манбаи асосии каротиноидҳо барои одамон дар аксари кишварҳо мебошад. Таркиби ин пайвастагиҳо дар навъҳои гуногун аз 8.4 то 19.2 мг/100 г массаи хом фарқ мекунад. А ва β-каротин изомерҳои асосии каротиноидҳои сабзӣ мебошанд, дар ҳоле ки сабзӣ миқдори ками лютеинро низ дар бар мегирад. Микдори миёнаи β-каротин 85-90% аз миқдори умумии каротиноидҳоро ташкил медиҳад. Дар сабзии дар Аврупо парваришёфта ҳиссаи β-каротин 72.3-78.5% ва дар Осиё 74% аст. Сабзӣ як зироати пурарзиши гурӯҳи сабзавотӣ аст, ки таркиби он каротин, витаминҳои E, D, K, гурӯҳи B, оҳан, калсий, фосфор, калий, магний, сурб ва дигар моддаҳои муфидро дар бар мегирад.

Кори диссертатсионии Саидзода Хайридини Хол аз муқаддима, 3-боб, 19-зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Дар боби якум шарҳи адабиёт бо нишон додани хусусиятҳои ботаникии ангат, буттамева ва тухмии он, дараҷаи равғаннокӣ ва хусусиятҳои биологии он нишон дода шудааст.

Дар боби дуюм шароити гузаронидани таҳқиқот (ошкоркунии равғаннокӣ вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ, таҳлили таркибӣ) муайян кардани флавоноидҳо ва витаминҳои дар об ҳалшаванда омухта шудааст.

Дар боби сеюм тавсифоти биохимиявии ангат дар муқоиса бо сабзӣ, омӯзиши экстраксия, муайян намудани каротиноидҳои ангат ва сабзӣ баҳогузорӣ шудааст.

Диссертатсияи Саидзода Хайридини Хол кори пурарзиши илмии баанҷомрасида буда, навгонии муҳимме мебошад. Истифодаи усулҳои муосири биохимиявии хеле нозуку мураккаб аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ мутахассиси соҳаи худ гардидааст.

Дар асоси натиҷаҳои диссертатсия 11 мақолаю фишурдаҳо нашр гардида аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

Бо баробари иҷрои корҳои илмӣ Саидзода Хайридини Хол ба кори роҳбарӣ ба ҳайси декани факултет дар МДТ Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ корҳои таълимӣ ва ҷамъиятиро бомувафақият пеш мебарад.

Саидзода Хайридини Хол худро ҳамчун педагогӣ хуб байни устодон ва донишҷӯён муаррифӣ менамояд. Лексия ва дарсҳои амалиро аз курсҳои умумии биология ва тахассусӣ дар сатҳи хуби илмӣ–методӣ мегузаронад. Ӯ корманди меҳнатдӯст, бовиҷдон ва нисбати худ хеле серталаб буда, байни донишҷӯён ва устодон обруманд аст.

Хулоса, диссертатсияи Саидзода Хайридини Хол дар мавзуи «Омӯзиши каротиноидҳои таркиби сабзӣ дар муқоиса ба каротиноидҳои таркиби ангат» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои биологӣ, дотсент
Ноиби президенти АМИТ Мирзораҳимзода А.К.

“04” 04 соли 2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Б.Ғафуров, хонаи 5, ҳуҷраи 11.
Телефон: (+992) 203196300
E-mail: akobir1963@mail.ru

Имзои А.К. Мирзораҳимзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири Шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Т.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ,
хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Телефон: (+992 37) 221-70-80;
Факс: (+992 37) 221-71-00
“04” 04 соли 2025